# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. – Душанбе, 2023. – 171 с.**

Тарҷумаи бадеӣ аз зумраи воситаҳои асосӣ ва унсурҳои меҳварии ба ҳам овардану наздик намудани адабиёту халқҳои гуногунзабон буда, як соҳаи назаррас ва ё риштаю самти фаъолияти эҷодии гурӯҳе аз адибон, аз ҷумла Тошхоҷаи Асирӣ, Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ, Садриддин Айнӣ Аҳамадҷони Ҳамдӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳасан Ирфон, Сотим Улуғзода, Эмануел Муллоқандов, Ҷалол Икромӣ, Ҳабиб Аҳрорӣ ва дигарон ба тарҷумаи осори адабӣ, илмӣ, оммавӣ ва сиёсию таърихӣ даст задани онҳост. Адабиётшинос ва мунаққиди тоҷик Абдувалӣ Давронов дар баррасии усулу ҷараёнҳои накди адабии тоҷик барҳақ ишора кардаанд, ки таълифи осори адабӣ ва накду таҳқиқи он бояд тавъам сурат бигирад. Агар дар як тарафи вараки сафед асари бадеӣ ва ё тарҷумаи он нигошта шавад, дар паси ҳамин варақ ва ё самти дигараш ҳатман накду пажӯҳиши осори таълифшудаю тарҷумагардида бояд сурат бигирад. Агар дар бархе аз самтҳои илмӣ назария аз амалия пешқадамтар бошад, мутаассифона, дар тарҷумаи бадеии тоҷик ва тарҷумашиносии он, хусусан, дар давраи нави ташаккулу таҳаввули он баръакси ҳамин манзара ба мушоҳида мерасад. Дар тақвияти фикр метавон далелҳои зеринро овард:

1. Қисми азими хазинаи осори тарҷумавии адабиёти тоҷик то ҳанӯз ба ҳадди зарурӣ омӯхта нашудааст.

2. Тарҷума ва истиқболи адабиёти тоҷик ва осори чеҳраҳои маъруфи он дар кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, Амрико ва дигар манотиқ ҳанӯз ба шакли комил ба таҳқиқ фаро гирифта нашудаанд ва пажӯҳишҳои анҷомёфта дар ин самт ангуштшуморанд.

3. Мутаассифона, дар адабиётшиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик дар баррасӣ ва таҳқиқи рӯзгору осор, фаъолияти тарҷумонӣ ва таъйини вижагиҳои осори тарҷумавии ҳам мутарҷимони касбӣ ва ҳам тарҷумонҳои завқӣ ибтикороти хеле кам сурат мегирад.

4. Дар адабиётшиносию тарҷумашиносии тоҷик ва ҷараёни таълиму тадриси фанҳои таърихи тарҷума, назария ва амалияи он, тарҷумашиносии умумӣ, таҳлили филологии матнҳои асл ва тарҷума... таълиф наёфтану ба табъ нарасидани китобу васоити таълимӣ ба омилҳои дар боло зикрнамудаамон вобастагӣ доранд.

Ҳабиб Аҳрорӣ ба ҳайси нависанда, тарҷумон, тарҷумашинос, луғатнигору луғатшинос ва дар умум, яке аз чеҳраҳои адабии дурахшонест, ки дар ташаккулу таҳаввули адабиёти давраи нави тоҷик, хусусан,

тарҷумаи бадеӣ саҳми назаррас дорад. То кунун муҳаққиқони адабиёти тоҷик ва равобити адабӣ асосан зимни баррасии масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёт, тарҷумаи бадеӣ, тарҷумашиносӣ ва равобити адабӣ ба осори адабӣ ва афкори тарҷумашиносии Ҳабиб Аҳрорӣ ишораҳо карда, масоили марбут ба рӯзгору осори адиб мавриди баррасии бевосита ва мустақим қарор нагирифта буд. Аз ин ҷиҳат, дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқи ин масъалаҳо дорои **аҳаммияти махсуси илмӣ** буда, зарурати он ҳарчи бештар эҳсос мешавад.

Дар асоси андешаҳои фавқ ва далелҳои овардашуда мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна барҳақ қайд намудааст, ки «Ҳар чи ки то имрӯз навишта шудааст, бештар хусусияти тавсифӣ ва умумӣ дошта, дар онҳо маҳорати нависандагӣ ва махсусиятҳои ҳунари тарҷумонии ӯ ба таври мушаххас мавриди муҳокима қарор нагирифтаанд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқ ва арзёбии ҳаматарафа ва мушаххаси аҳволу осор ва хусусиятҳои ҳунарии фаъолияти нависандагиву тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ зарур ва мувофиқи мақсад аст» (диссертатсия, с. 6).

Дар чанд банди **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ** пажӯҳиши нукоте ба нақша гирифта шудааст, ки ба таҳқиқи рӯзгору осори адибон ва масоили марбут ба тарҷумаи бадеию равобити адабӣ ихтисос дорад. Аз ин ҷиҳат, ин мавзуи таҳқиқӣ ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

Аз дараҷаи таҳқиқи мавзуъ бармеояд, ки фаъолияти босамар ва гуногунпаҳлуи Ҳабиб Аҳрорӣ асосан дар қолаби қайду хотира ва мақолаю тақризҳо баррасӣ гардидааст. Диссертант дар тақвияти андеша метавон қайду хотирот, тақризу мақола ва ишораҳо дар таҳқиқоти М. Шакурӣ, Л. Демидчик, Б. Тилавов, Р. Мусулмониён, Ш. Мухтор, Р. Ҳошим ва И. Келдиев, Х. Расулӣ, М. Зайниддинзода ва Ӯ. Кӯҳзод ёдовар шудааст. Бо вуҷуди ин, чуноне қаблан ишора шуд, дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору осор ва фаъолияти гуногунсоҳаи Ҳабиб Аҳрорӣ халое ба назар мерасад, ки онро кори таҳқиқии мавриди назар то андозае комил мегардонад. Воқеан, манзури муҳаққиқону донишмандон гардонидан ва ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи номзадии Дилором Исмоилова иқдоми хуб буда, қобили таваҷҷуҳ ва шоистаи дастгирист.

**Навгонии илмии диссертатсияи** Исмоилова Дилором дар он зоҳир мeёбад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ рӯзгору осор, фаъолияти пурвусъати адабӣ ва ҳусну қубҳи осори тарҷумавии адибу афкори тарҷумашиносии ӯ баррасӣ гардида, ҳамчунин, ба масоили ташаккул ва таҳаввули тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти муосири тоҷик, навгониҳои падидомада дар ин самт, муҳтаво ва забону сабки баёни

тарҷумаҳо руҷуъ шудааст. Дар рисолаи мавриди назар таҳқиқи осори тарҷумавии Ҳабиб Аҳрорӣ аз нигоҳи шаклу мазмун, нигаҳдошти унсурҳои шаклию муҳтавоии матни асл, иродаи муаллиф, забону сабки баён, коргоҳи эҷодӣ ва мухтассоти ҳунарию бадеии тарҷумаҳо ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар кори диссертатсионии Исмоилова Дилром аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносон, тарҷумашиносон ва робиташиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо мушаххасанд. Илова бар ин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳо** боэътимод бароварда, дурнамои мавзуи таҳқиқиро низ дуруст муайян намояд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани коргоҳи эҷодии нависандагону мутарҷимони дигар, масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик, таърихи тарҷума, назария ва амалияи тарҷума, робиташиносӣ ва самтҳои дигар ба адабиётшиносону мунаққидон, унвонҷӯён, донишҷӯён, робиташиносон ва мутахассисони тарҷумаи бадеӣ ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро комилан инъикос намуда, саҳми шахсии муаллиф ва коркарди амалии дурусти натиҷаҳои таҳқиқро собит менамоянд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар шаш банд манзур шудаанд. Воқеан, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида матолиби асосиро инъикос карда, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору осори Ҳабиб Аҳрорӣ ва таъини нақши ӯ дар ҷараёни ташаккулу таҳаввули макати тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик аҳаммияти зиёди илмӣ доранд.

Диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ

ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққатро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар зербахш□ои зарурии дисссертатсия ва автореферат бо низоми муайян ва тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Боби аввал, ки «Ҷараёни зиндагӣ ва эҷодиёти Ҳабиб Аҳрорӣ» ном дорад, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали ин боб бар асоси сарчашмаҳои илмӣ, тарҷумаиҳолӣ ва энсиклопедию адабӣ маълумоти мушаххасу мустанад манзур гардида, замони тавлиду фавт, муҳити хонаводагӣ, таҳсил, оғози фаъолияти эҷодӣ ва омилҳои ташаккули ҳунари эҷодии Ҳабиб Аҳрорӣ баррасӣ шудаанд. Дар фасли дуюми ин боб, ки

Довталаби дараҷаи илмӣ дар фасли дуюми боби авал, ки «Фаъолияти адабӣ, тарҷумонӣ ва луғатшиносии Ҳабиб Аҳрорӣ» унвон дорад, ба пажӯҳиши ин ҷанбаҳои бисёр муҳим ва густардаи фаъолияти эҷодии адиб пардохта, кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои дар ин фасл тарҳрезишударо дар мисоли маҷмуаи ҳикояву ёддоштҳо ва мақолаҳои «Тӯйхӯрии мӯйсафедон», осори тарҷумавии адиб, аз ҷумла «Гулливер дар байни лилипутҳо»-и Ҷ. Свифт, «Торумор» ва «Гвардияи ҷавон»-и А.А. Фадеев, «Моҷарои Иван Иванович ва Иван Никифорович», «Ҷисмҳои беҷон», «Шинел»-и В. Гогол, «Ҷанг ва сулҳ»-и Л.Н. Толстой, «Қисмати одам»-и М. Шолохов, «Рӯ ба рӯ», «Чашми шутур» ва «Муаллими нахустин»-и Ч. Айтматов, «Корвон сӯйи офтоб меравад»-и А. Олимҷонов, ҳикояҳои Алфред де Мюссе, Виктор Гюго «Гаврош», Ги де Мопасан «Дуэл», «Дарбадар», Оноре де Балзак «Полковник Шабер», Волтер «Кандид», Стендал «Ванино Ванини», Б. Полевой «Охирин рӯзи Матвей Кузмин», ҳикояҳои И. Тургенев, А. Толстой, М. Горкий, А. Чехов ва осори дигар адибони ҷаҳон баррасӣ намояд. Луғатшиносӣ ва луғатнигории Ҳабиб Аҳрорӣ низ дар ин фасл таҳқиқ гардида, диссертант саҳми адибро дар таҳияи луғати русӣ-тоҷикӣ, ки соли 1949 дар Маскав ба нашр расидааст, назаррас меҳисобад. Дуруст аст, ки фаъолияти Ҳабиб Аҳрорӣ дар ин самт вусъат пайдо карда, «бо ибтикор ва талошҳояш «Луғати русӣ-тоҷикӣ» аз нав таҳия ва бо фарогирии беш аз ҳафтоду ду ҳазор калима соли 1985 нашр гардид. Ӯ нафақат дар тартиб додани баъзе модаҳои ин луғат бевосита иштирок кард, балки дар таҳрир ва такмили он низ саҳми муҳим гузошт» (диссертатсия, с. 28).

Боби дуюм – «Нақши Ҳабиб Аҳрорӣ дар инкишофи назарияи тарҷума ва насри бадеӣ» аз ду фасл иборат мебошад, ки онро аз лиҳози муҳтаво ва пурборӣ шартан яке аз ду боби меҳварии рисола метавон номид. Дар фасли аввал – «Саҳми Ҳабиб Аҳрорӣ дар ташаккули назарияи тарҷумаи бадеӣ» унвонҷӯ бар асоси мақолаҳои Ҳабиб Аҳрорӣ, аз ҷумла «Суҳбат аз санъати тарҷума», «Кори эҷодӣ ё як навъ касби одӣ?», «Ба муқобили формализм дар кори тарҷума», «Роҷеъ ба терминологияи тоҷик», «Оид ба тарҷумаи адабиёти тоҷик ба забони русӣ» ва ғайра бо таҳлили муқоисавӣ собит менамояд, ки адиб дар ташаккули назария ва таърихи тарҷумаи бадеӣ саҳми назаррас дорад.

Аз муҳтавои фасли дуюм – «Хусусиятҳои мундариҷавӣ, бадеӣ ва жанрии насри нависанда» бармеояд, ки дар он диссертант ҳунари нависандагӣ ва арзиши осори мансури Ҳабиб Аҳрориро дар мисоли ҳикояҳои маҷмуаи «Тӯйхӯрии мӯйсафедон», ёддоштҳои «Хотираи устод», «Боздиди охирин», «Марди соҳибдил», «Донишманди мумтоз» ва лавҳаву ҳаҷвиёти ӯ маҳакки таҳқиқ қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия «Нақш ва ҷойгоҳи Ҳабиб Аҳрорӣ дар ташаккул ва таҳаввули мактаби тарҷумаи тоҷикӣ» ном дошта, шомили ду фасл мебошад. Дар фасли аввали он – «Таҷрибаи мутарҷим дар интихоб ва тарҷумаи осори бадеӣ» дар бораи меъёрҳои интихоб ва тарҷумаи осори адабии дигар халқҳо аз ҷониби Ҳабиб Аҳрорӣ сухан ба миён омадааст. Диссертант аз хидмату ҳидоятҳои устод Садриддин Айнӣ дар ташаккули мактаби тарҷумаи бадеии тоҷик ёдовар шуда, дар баробари Сиддиқии Аҷзӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Муҳиддин Аминзода, Раҳим Ҳошим, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Ҳаким Карим, Саидризо Ализода, Эммануил Муллоқандов ва Ҳасан Ирфон хидмату заҳматҳои Ҳабиб Аҳрориро низ назаррас меҳисобад. Ба андешаи диссертант, Ҳабиб Аҳрорӣ «Аз адабиёти ҷаҳон ва рус асарҳоеро барои тарҷума интихоб кардааст, ки ба вазифа ва рӯҳи адабиёти тоҷик мувофиқат ва ҳамоҳангии комил доштаанд» (диссертатсия, с. 74). Бо ҳосили таҷрибаи тарҷумонӣ ва тавсеаи доираи мутолиоту муайян гардидани асосҳои назарии тарҷумаи бадеӣ усулҳо ва меъёрҳои суннатии интихоби осори тарҷумашаванда тағйир ёфта, дар ин самт низ саҳми Ҳабиб Аҳрорӣ назаррас аст.

Мундариҷаи фасли дуюм – «Хусусиятҳои фардӣ ва бадеии сабки тарҷумаҳои Ҳабиб Аҳрорӣ» бозгӯйи он аст, ки мутарҷим дар осори тарҷумавӣ низ дорои сабки ба худ хос буда, тарҷумаҳои ӯ бадеияти баланд доранд. Мутарҷим дар тарҷумаҳояш тавонистааст, ки хусусияти бадеӣ, сабки инфиродӣ муҳтавои осори тарҷумашударо дар забони тоҷикӣ ҳифз намояд. Ба ақидаи диссертант дар миёни тарҷумаҳои адиб, ҳамчунин, тасарруфот низ ба назар мерасанд. Дар ин фасл дар тақвияти фикр мисолҳо дар шакли матни асл ва тарҷума оварда шудаанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 10 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳои манзуршуда мухтавои фаслу бобҳои диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва баҳсҳои пурсуди илмӣ ва муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқи минбаъдаи довталаби дараҷаи илмӣ, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ба назари мо, унвони баъзе фаслу бобҳои диссертатсия ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд. Масалан, фасли аввали боби якум «Вежагиҳои шарҳи ҳол ва осори Ҳабиб Аҳрорӣ» унвон дошта, ба назари мо, дар ин ҷо калимаи «вежагиҳо» барзиёд менамояд. Илова бар ин, ин вежагӣ асосан марбут ба осор буда, ба шарҳи ҳол иртибот надорад. Ҳамчунин, фасли дуюми боби сеюм, ки «Хусусиятҳои фардӣ ва бадеии сабки тарҷумаҳои Ҳабиб Аҳрорӣ» номгузорӣ шудааст, агар ба шакли «Хусусиятҳои бадеӣ ва сабки баёни тарҷумаҳои Ҳабиб Аҳрорӣ» ифода меёфт, беҳтар буд.

2. Ҳаҷми фасли дуюми боби аввал, ки баррасии фаъолияти адабӣ, тарҷумонӣ ва луғатшиносии Ҳабиб Аҳрориро фаро мегирад, 8 саҳифа буда, ин фасл ҳам аз ҷиҳати унвонгузорӣ ва ҳам ҳаҷм то ҳадде ба таҷдиди назар ниёз дорад. Аввалан, ба андешаи мо, ин се масъалаи муҳимро дар ҳаҷми як фасли диссертатсия матраҳ ва баррасӣ намудан бисёр кори сангин аст. Пажӯҳиши ин масъалаҳо бояд дар шакли густардатар сурат мегирифт.

3. Гуногуннависӣ ва имлои гуногуни калимаҳо дар диссертатсия ба чашм бармехурад. Чунончи: Ҳ. Аҳрорӣ – Ҳабиб Аҳрорӣ, (саҳифаҳои гуногун), тарҷума – тарҷима (саҳ. 39, 155), услуби нигориш – сабки нигориш (с. 26, 134) ва ғайра.

4. Баъзан адабиёти истифодашуда ноқис буда, таҷдиди назар намудани онҳо ҳусни корро меафзояд. Масалан, дар рӯйхати адабиёт аз таркиби маҷмуаи «Тӯйхӯрии мӯйсафедон» ҷудо намудани ҳикояҳо ва дар 14 номгӯй пешниҳод кардани онҳо зарурат надошт.

5. Баъзе адабиёти илмию назарии зарурӣ ва таълифоти адабиётшиносону робиташиносони тоҷик, аз ҷумла Абдурашид Самадов, Азимҷон Аминов ва маҷмуаҳои дастаҷамъӣ аз мадди назари диссертант дур мондаанд. Аз ҷумла, китоби «Тарҷумонӣ ва тарҷумаи бадеӣ», ки соли Б. Камолиддинов ва Ф. Турсунов мураттаб гардида, соли 2011 ба нашр расида, фасли дуюми он «Фаъолияти тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ» унвон дорад, истифода ва ё ишора мегардид, беҳтар буд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқӣ ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бобомаллаев И.Ҷ.
«20» феврали соли 2024.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Маяковский бинои 85/2, ҳуҷраи 10
Тел.: (+992) 555-05-15-50
E-mail: ilhom-b.89@mail.ru

Имзои Бобомаллаев Илҳомҷон
Ҷанобовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«20» феврали соли 2024.